*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

# ТАҚРИЗ

ба автореферати Одиназода Сафаралӣ Пулодхон дар мавзӯи «Такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шароите эҷод шудааст, ки воқеан ҷаҳони имрӯзаро ба пуррагӣ бӯҳронҳои пайдарҳами молиявию қарзӣ фаро гирифтаанд. Ҳамзамон, мавзӯи рисолаи илмӣ дар соҳаи илмҳои иқтисодӣ ба омӯзиши масъалаҳое равона гардидааст, ки аз Консепсияи рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва усуворгардонии низоми молиявию қарзӣ бармеоянд. Вазъи иқтисоди ҷаҳони муосир исбот намудааст, ки нақши бонкҳо ҳамчуни маблағгузорон аз як тараф ва аз тарафи дигар, ҳамчун таҳрикдиҳандаи маблағҳои пулии мизоҷони худ тайи солҳои охир ба тадриҷ рушд карда, ба он оварда расонидааст, ин равандҳо аз ҷониби сохторҳои институтсионалӣ дар сатҳи миллӣ танзим карда шуда, ҳамзамон такмил ёбанд.

Ҳамин аст, ки дар автореферати рисолаи илмии Одиназода С.П. механизми мавҷудаи мукаммалгардонии низоми бонкӣ баҳои ҳақиқӣ дода шуда, инчунин роҳҳо ва усулҳои мукаммалгардонии бонкҳо пешниҳод гардидаанд. Дар автореферат сабаби асосии такмилдиҳии идоракунии давлатии бахши бонкиро муаллиф дар нокифоягии захираҳои бонкӣ, норасоии кадрҳои баландихтисоси соҳавӣ бештар алоқаманд менамояд, ки ин барои бонкҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда шарти хеле муҳим ба ҳисоб меравад.

Ҳамин аст, ки дар алоқамандӣ ба рушду инкишофи низоми бонкӣ зарурати ҳамкории элементҳои таркибии низоми бонкӣ бо сохторҳои давлатӣ аҳамияти бузург пайдо намуда, аз ҷониби муаллиф ҳамчун объекти омӯзиш ва таҳқиқоти илмӣ қарор дода шудааст.

Одиназода С.П. дар таҳқиқоти илмии худ чунин меҳисобад, ки яке аз манобеъи пайдо кардани захираҳои бонкӣ, такмили низоми бонкдорӣ ин густариши ҳамкорӣ бо сохторҳои давлатӣ ва фондҳои давлатии рушд ба шумор меравад, ки ин андеша барои иқтисодиёти кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъбинона ва дуруст мебошад.

Муаллиф дар автореферат зарурати мукаммалгардонии механизми идоракунии давлатиро бо институтҳои молиявию қарзӣ дар зиёд гардидани таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ ба иқтисоди миллӣ ва пайдо шудани чолишҳои нави таъсиррасон ба иқтисодиёти мамлакат арзёбӣ намудааст. Мусаллам аст, ки то кунун омӯзиши нокифояи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дорад, аз ин рӯ таҳқиқоти муаллиф саривақтӣ ва муҳим маҳсуб меёбад.

Дар автореферат Одиназода С.П. таҳлилҳои қиёсии рушди бахши бонкии мамлакатро бо таҷрибаи берунии ҳамкории ин ниҳодҳо қайд намуда, роҳҳои ҳалли проблемаҳоро барои ҷумҳурӣ дар ташкили бахши бонкии ба тамоми таъсироти берунӣ ҷавобгӯ, шарти зарурӣ мешуморад, ки мо ба фикри унвонҷуй комилан мувофиқ мебошем. Дар қисмати пешниҳод ва дурнамои ҳамкории давлат бо бахши бонкӣ, муаллиф моделҳои илман асосноки арзиши баланди илмидоштаро пешниҳод менамояд, ки минбаъд метавонанд, барои такмили минбаъдаи низоми бонкии миллӣ таъсиррасон бошанд. Воқеан, роҳандозии стратегияи махсуси дастгирии молиявии низоми бонкӣ аз ҷониби давлат метавонад, ки иқтидори иқтисодӣ-молиявии бахши бонкиро таҳким бахшида, таъсири онро ба соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ афзоиш диҳад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо низ мушоҳида карда мешаванд:

1. Дар авторефererат қисмати назариявии диссертатсияро барои инъикоси бештари ҷанбаҳои назариявӣ васеътар овардан ба манфиати кор мебуд;

2. Дар хулосаи автореферат бошад, муаллиф оид ба мукаммалгардонии бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди хешро баён кардааст, ки дар ин ҷо инчунин бояд ба таҷрибаи дигар давлатҳо ишора мекард.

Камбудӣ ва норасоиҳои ошкоршуда арзиши илмии қисматҳои назариявӣ ва амалии авторефератро кам намекунанд ва ин андешаҳо хислати пеншиҳодӣ ва тавсиявӣ доранд.

Хулоса, автореферати рисолаи диссертатсионии Одиназода Сафаралӣ Пулодхон дар мавзӯи «Такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.06.2015с., №504) ва Тартиби

додани дарачаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016с., №505) ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарриз**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсенти кафедраи баҳисобгии муҳосибӣ**
**ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара** **Қодирзода Х.Қ.**

**Имзои Х.Қ. Қодирзодаро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара **Тоирзода С.Т.**
“______” ______________ с. 2025

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА
ШУЪБАИ КАДРҲО

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
735320, шаҳраки Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25.
Тел: (+992) 934348558, E-mail: andoz-73@mail.ru